Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Разоқова Фотима Сафармадовна дар мавзуи “Таҳқиқи ирсияти аломатҳои арзишноку хоҷагидории дурагаҳои дохилинамудии намунаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дури пахтаи миёнанах” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ

Пахтапарварӣ соҳаи асосии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад ва рушди минбаъдаи он моҳияти хело ҳам калон дорад. Нахи пахта ҳамчун маҳсулоти нисбатан арзишнок нисбат ба нахи сунъӣ афзалияти бештар дорад ва эҳтимол меравад, ки дар байни дигар намудҳои ашёи хом ба муддати дароз бартарии худро нигоҳ хоҳад дошт. Иқлими гарми Тоҷикистон ва махсусан водии Ҳисор барои парвариши пахта ва баланд бардоштани ҳосилнокии он махсусан истифодаи навъҳои навъ мусоидат мекунад. Аз ин ру рушди пахтапарварӣ дар оянда хусусияти сермаҳсул зиёд намудани пахтаи хомро аз ҳисоби ҳосилнокии баланд ва аҳамияти калон додан ба селексия ва тухмипарварии ин зироат дар назар дорад. Рӯёнидани навъҳои зудрас ва серҳосил дар айни замон ҳамчун масъалаи мубрам боқӣ монда, донишмандаони ин соҳа тамоми тадбирҳо ва имкониятҳоро ба кор мегиранд, ки ҳосилнокии пахтаро баланд бардошта саноати нассоҷии кишварро ба маъсулоти хушсифати ватанӣ таъми намояд. Кор ва автореферати пешниҳодшудаи унвонҷӯ Разоқова Фотима Сафармадовна низ ба ҳамин масъала бахшидааст.

Муаллифи диссертатсия дар бахши мубрамии масъалаи таҳқиқшаванда қайд мекунад, ки муҳимтарини омили баланд бардоштани ҳосилнокии пахта доштани навъҳои устувору серҳосил ва дурагаҳои гетерозисӣ бо иқтидори баланди ҳосилноки ва сифати нах мебошад. Вазифаи минбаъд баланд бардоштани ҳосилнокии пахтаро ба назар гирифта ин муаммо на танҳо дар асоси тезонидан ва муносибгардонии раванди корҳои селексионӣ, ки донистан ва гузаронидани ирсияти аломату хусусиятҳои нисбатан арзишноки хоҷагидориро аз ҷониби намунаҳои алоҳида дарбар мегирад, балки баназардошти коркардҳои назариявию амалии физиологӣ, генетикӣ танзими самарбандӣ ва беҳтаргардонии технологияи парвариши пахта, ҳал намудан мумкин аст. Сипас дар бахшҳои баъдии таҳқиқотҳо роҳҳои ба даст овардани ҳадафу мақсадҳои дар кор гузаштаро шарҳу тавзеъ додааст.

Муаллиф самаранокии иқтисодии усулҳои гирифтани тухмии дурагаҳои гетерозисӣ ҳангоми гардолудкунии дастӣ байнинамудӣ ва дохилинамудии пахтаро шарҳ дода исбот намудаст, ки бори нахуст дар шароити Тоҷикистони Марказӣ ирсияти аломатҳои арзишноки хоҷагидории дурагаҳои дохилинамудии $F_1$ ва $F_2$, ки дар мавриди дурагакунии навъҳои ватании серҳосили пахтаи

миёнанах бо намунаҳои ҷуғрофӣ дур ба даст оварда шудаю бо аломатҳои арзишноки селексионӣ тавсиф меёбад, таҳқиқ карда шуд.

Дар қадамҳои дигари таҳқиқот муаллиф имкониятҳои пурзур кардани тибқи маълумоти ҳама навъҳои волидайнии, ибтидоӣ, модарӣ ва падарӣ, аз рӯйи аломатҳои арзишноки хоҷагидорӣ интихоб гардида исбот намудааст, ки қобилияти комбинатсионӣ хусусияти генотипии навъ ё шаҷарае мебошад, ки ҳангоми дурагакуни ба дигар навъҳо сифати беҳтаринашро ба насли дигар мегузаронад. Бо назардошти он, ки қобилияти комбинатсионӣ хусусияти ирсӣ дорад, дар мавриди баҳодиҳи бо интихоби намунаҳои волидайнӣ ба навъҳои бо қобилияти комбинатсионии умумии баланд ва афзалият додан, ба сифати намунаҳои модарӣ дар таҷрибаи 4 навъи селексияи туркӣ: «Сахин-2000», «Наппа-122», «Аудин-110», «Назилли-84-S» истифода намуда дар соли 2015 дар парваришхонаи дурагаҳои $F_1$ «Сахин-2000», «Наппа-122», «Аудин-110» қобилияти умумии комбинатсионӣ зоҳир намудаанд. Дар соли 2016 қобилияти баландии қобилияти умумии комбинатсионӣ аз нигоҳи тезрасӣ дар парваришхонаи дурагаҳои $F_2$ «Наппа-122» х «Назилли-84-S» ва «Сахин-2000» х «Назилли-84-S» ба қайд гирифта шудааст, ки дурагаҳои гетерозисии ба даст овардашудаашро баҳои илман асоснокшуда додааст.

Кори диссертатсионии Разоқова Ф.С., яке аз таҳқиқоти васеъи назариявӣ, методологӣ ва амалиро ба анҷом расонида, ки аз 5-боб яъне дар боби якум аз ду фасл иборат мебошад, дар он комёбиву муваффақиятҳои селексияи пахтаи миёнанах дар Тоҷикистон мухтасар ифода ёфтааст. Боби 2 4 фаслро дарбар мегирад, ки дар онҳо шароити табиию иқлимии Тоҷикистони Марказӣ, хусусиятҳои агрохимиявии хоки қитъаи таҷрибавӣ, объект ва методикаи таҳқиқот, нақшаи таҷрибаи саҳроӣ мухтасар баён намудааст. Боби 3 аз 5 фасл иборат буда дар онҳо давомнокии давраи нашъунамои пахта аз майсазанӣ то расиш ифода ёфта пешниҳод намудааст.

Муаллиф корҳои анҷомдодаи хешро хулоса намуда, бо далелҳо, сарчашмаҳои илмӣ ва таҷрибаҳои саҳроӣ асоснок намудааст. Дар асоси мақсади гузошташудаи унвонҷӯ вазифаҳои таҳқиқотро гӯруҳбандӣ намуда, барои иҷрои ҳар як гуруҳӣ вазифаҳо аз равишҳои илман асоснок карда шуда истифода намудааст.

Аз руи натиҷаҳои кори диссертатсия муаллиф 17-мақолаҳои илмӣ дар маводҳои конференсия ва маҷалаҳои тақризшавандаи (рецензия) КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст.

Ҳамин тариқ, аз муҳтавои автореферати кори диссертатсионии ба ҳимоя пешниҳоднамудаи диссертант Разоқова Ф. С. бармеояд, ки кори анҷомдодаи ӯ аҳамияти баланди илмӣ, амалӣ ва методологӣ дошта натиҷаҳои

ба дастовардааш барои илм ба истеҳсолоти кишоварзӣ бисёр муҳим мебошад.

Бо назардошта ҳамаи гуфтаҳои дар боло овардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки кори таҳқиқоти гузаронидашуда дар авторефирати кори диссертатсионии Разоқова Ф. С. буда, дар асоси талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, муаллифи он сазовор бораи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Директори Маркази миллии
захираҳои генетикии АИКТ,
номзади илмҳои кишоварзӣ
(ихтисоси 06.01.05- селексия
ва тухмипарварӣ) Кароматов Ш. Ш.

Суроға: ноҳияи Рӯдакӣ,
ҷ. Сарикишти, село Махмадшои боло
Контактные телефоны, +992-938 811481
E-mail.: geneticresources.tj@ mail.ru

20.11.2023.